«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ
Профессор Ғаффорӣ Н. У.
«27» 09 2019 с.

# ХУЛОСАИ
## Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Диссертатсияи доктории Ғаффоров Абдушукур Одинашоевич таҳти унвони «Хусусиятҳои грамматикӣ ва маъноии ибораҳои феълӣ дар забони адабии тоҷик» (дар асоси маводи осори мансури асрҳои XV-XVI) дар кафедраи назария ва амалияи забоншиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгорииТоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ба анҷом расидааст.

Ғаффоров А. О. аз соли 1998 дар вазифаҳои гуногун дар донишгоҳ фаъолият карда, аз соли 2017 инҷониб дотсенти кафедраи забон ва адабиёти тоҷики факултаи таҳсилоти томактабӣ ва ибтидоии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ аст. Ӯ соли 1993 Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдулло Рӯдакиро бо тахассуси «омӯзгори забон ва адабиёти тоҷик» бо дипломи «Аъло» хатм намудааст.

Ғаффоров А. соли 2000 диссертатсияи номзадии худро дар мавзӯи «Ибораҳои феълӣ бо пешояндҳои аслӣ дар «Бадоеъ-ул-вақоеъ»-и Зайниддин Маҳмуди Восифӣ» аз рӯйи ихтисоси 10.02.08. –забонҳои эронӣ ҳимоя кардааст.

Мушовири илмии ӯ –Раҳматуллозода Сахидод Раҳматулло доктори илмҳои филология, узви вобастаи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар кафедраи назария ва амалияи забоншиносии ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ кор карда истодааст.

Мавзӯи диссертатсия дар Шӯрои олимони Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ 27.04.2013, қарори №1 тасдиқ шудааст. Ғаффоров А. О. аз соли 2013 докторанти кафедраи назария ва амалияи забоншиносии ДДОТ ба номи С. Айнӣ мебошад.

Аз муҳокимаи диссертатсия чунин натиҷагирӣ карда шуд:

Дар диссертатсия хусусиятҳои грамматикӣ ва маъноии ибораҳои феълӣ дар забони адабии тоҷик дар заминаи сарчашмаҳои хаттии асрҳои XV-XVI таҳқиқу баррасӣ карда шудааст.

**Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот**. Дар ин таҳқиқот ташаккулёбии ибораҳои феълӣ дар заминаи сарчашмаҳои хаттии асрҳои XV-XVI, таърихан такмил ёфтан, таркиб бастан, рушду нумӯъ ёфтани воситаҳои алоқаи байни ҷузъҳои асосӣ ва тобеъ, махсусан бо пешояндҳои аслӣ, пешояндҳои номии изофӣ, пешоянду пасоянд, ҳамчунин хусусиятҳои маъноии ибораҳои феълӣ ва ғайра ба риштаи таҳқиқ кашида шудаанд. Инчунин муҳаққиқ басомад ё ин ки дараҷаи истеъмоли ҳар як воситаҳои алоқаро тасвир намуда, ба ин васила хусусиятҳои услубии онҳо, ҳолати имрӯзаи истифодаи онҳо, суфта шудан ва ё аз истеъмол баромадани миқдори муайяни қолабҳои феълии давраи таърихии асрҳои XV-XVI-ро мавриди баррасӣ қарор додааст. Дар рисола ҳамаи гурӯҳҳои луғавию семантикии ҳам ҷузъи асосӣ ва ҳам ҷузъи тобеъ аз нигоҳи сохтору маъно ҳамаҷониба таҳлилу тасвир шудаанд. Дар диссертатсия оварда шудааст, ки бо пешояндҳои аслию номӣ ва таркибӣ ба сифати ҷузъи асосӣ кадом гурӯҳи луғавии исму дигар вожаҳо ҳамроҳ омада метавонанд ин ё он муносибати синтаксисиро ифода намоянд. Муҳаққиқ дуруст қайд мекунад, ки ибораҳои феълии забони сарчашмаҳои хаттии асрҳои XV-XVI вобаста ба маънои луғавии ҷузъҳояшон, чунон ки дар забони адабии муосири тоҷик мушоҳида мешавад, баробари ифода кардани муносибатҳои наҳвӣ боз тобишҳои маъноии зиёдеро мефаҳмонанд. Боз он чиз ҷолиби таваҷҷуҳ аст, ки муҳаққиқ маводи сарчашмаҳои хаттии асрҳои XV-XVI-ро бо маводи ҳамгуни забони адабии муосири тоҷик ба тариқи муқоиса омӯхта хулосаҳои муфид мебардорад, ки аҳамияти

бузурги илмиву амалӣ доранд. Диссертант дар ин таҳқиқот иҷрои масъалаҳои зеринро ҳадафи кори илмии худ қарор додааст:

-таҳқиқи масъалаҳои назариявии марбут ба хусусиятҳои грамматикӣ ва маънoии ибораҳои феълӣ дар заминаи маводи осори мансури асрҳои XV- XV1;

-ҷамъоварӣ ва таснифоти ибораҳои феълӣ ҳам аз ҷиҳати маъно ва ҳам аз ҷиҳати хусусиёти грамматикӣ ва ҳам аз ҷиҳати дараҷаи истифода;

-муайян намудани мавқеъ ва ҷойгоҳи ибораҳои феълӣ дар осори насрии асрҳои XV- XV1;

-муайян кардани қолабҳои мустаъмали ибораҳои феълӣ;

-ба тариқи муқоиса нишон додани хел ва воситаҳои алоқаи калимаҳо;

-таҳлилу тасвири гурӯҳҳои луғавию грамматикии калимаҳои алоқаманд;

-ошкор сохтани воситаҳои алоқаи байни ҷузъҳои ибора ва вобаста ба он муайян намудани хусусиятҳои луғавию грамматикии ҷузъҳои ибора: ибораҳои феълии бо пешояндҳои аслӣ; ибораҳои феълии бо пешояндҳои номии таркибӣ; ибораҳои феълии бо пешояндҳои номии содаи изофӣ; ибораҳои феълии бо пешоянду пасоянд; ибораҳои феълии бо пасоянд; ибораҳои феълии алоқаи ҳамроҳӣ;

-нишон додани баъзе хусусиёти услубӣ, умумият ва қаробатҳои ибораҳои феълии осори насрии асрҳои XV- XV1 бо забони адабии ҳозираи тоҷик;

- муайян кардани таҳаввулоти таърихии ибораҳои феълӣ тавассути воситаҳои гуногуни алоқаи синтаксисӣ;

- муайян кардани дараҷаи истеъмоли пешоянду пасояндҳо дар таркиби ибораҳои феълӣ ба сифати воситаи алоқа;

-бо усули муқоиса муайян кардани хусусиятҳои фарққунандаи алоқаҳои синтаксисӣ дар ташаккули ибораҳои феълии давраи таҳқиқшаванда;

-ошкор сохтани ибораҳои феълии тавассути ду воситаи алоқаи грамматикӣ ташаккулёбанда;

-муайян намудани хусусиятҳои фарққунандаи алоқаи калимаҳо дар осори насрии асрҳои XV- XV1 ва забони адабии ҳозираи тоҷикӣ;

-таҳлилу тасвир намудани хусусиятҳои зоҳиршавии маънои феъл дар таркиби ибораи феълӣ;

-муродифоти пешояндҳо дар таркиби ибораҳои феълӣ.

Маводи асосии таҳқиқот дар заминаи сарчашмаҳои хаттии асрҳои XV- XVI «Баҳористон»-и Абдурраҳмони Ҷомӣ, «Бадоеъ-ул-вақоеъ»-и Зайниддин Маҳмуди Восифӣ, "Футувватномаи султонӣ" ва "Ахлоқи Муҳсинӣ"–и Ҳусайн Воизи Кошифӣ, «Туҳфаи Сомӣ»-и Соммирзои Сафавӣ, «Латоиф-ут-тавоиф»-и Фахриддин Алии Сафӣ, «Аҷоиб-ул-макдур фи ахбори Темур»-и Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Арабшоҳ , "Чаҳор гулзор"-и Хоҷа Ҳасани Нисорӣ, ки асарҳои барҷастаи насри асрҳои XV-XVI -ро ташкил мекунанд, ба вуқӯъ пайвастааст.

Инчунин, дар диссертатсия аз"Таърихи Байҳақӣ" –и Абуфазли Байҳақӣ (асри XI), "Гулистон"-и Саъдӣ (асри XIII), "Нузҳат-ул-арвоҳ"-и Мир Ҳусайни Ҳиравӣ (асри XIV) ва намунаҳои насри муосир ва дигар фарҳангҳову маъхазҳои илмӣ истифода бурда шудааст.

Дар рафти кор аз маҷмӯи усулҳои асосии таҳқиқ истифода шудааст, ки ба мақсаду вазифаҳои дар пеш истода мувофиқат мекунанд. Усулҳои зерин барои таҳқиқи ҳаматарафаи хусусиятҳои грамматикӣ ва маъноии ибораҳои феълии забони адабии тоҷикӣ ва сохтори наҳвии онҳо мусоидат кардаанд: усули таҷзияву таҳлил, муқоиса, муқоисавӣ-таърихӣ, усули мушоҳидаю муқоиса, синхронию диахронӣ, шаҳру тафсир, усули муқоисавӣ-таҳлилӣ ва семантикию услубӣ ва шаклҳои ҳисоби басомади амсол, ки он ҳангоми таҳлилу таҳқиқи хусусиятҳои грамматикӣ ва маъноии ибораҳои феълӣ рӯйи кор омадааст.

Навгонии таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки бори нахуст дар забоншиносиии тоҷик таҳқиқи масъалаҳои назариявӣ ва ташаккули ибораҳои феълӣ, тазоҳури тобишҳои маъноии онҳо дар сарчашмаҳои

хаттии асрҳои XV- XV1 ба сурати яклухт ва системанок мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Дар диссертатсия хусусиятҳои грамматикии феъл, махсусан, ташаккулёбии онҳо тавассути пешояндҳои аслӣ, пешояндҳои номӣ, пешояндҳои номии таркибӣ, пешоянду пасоянд, алоқаи ҳамроҳӣ, алоқаи пасояндӣ, алоқаи калимаҳо бо ду воситаи грамматикӣ, басомади пешояндҳо, муродифоти наҳвии пешояндҳо дар таркиби ибораҳои феълӣ, гурӯҳҳои луғавию семантикии ҳам ҷузъи асосӣ ва ҳам ҷузъи тобеи ибораҳои феълӣ, муносибатҳои наҳвӣ бо тобишҳои мухталифи маъно, ба таври силсилавӣ омӯхтани тазоҳури тобишҳои маъноии феълҳо дар системаи маънои луғавӣ, муайян намудани ҳудуди маъноии феълҳо дар таркиби ибораҳои феълӣ ва амсоли инҳо бори нахуст аз нигоҳи илмӣ маънидод карда мешаванд.

Ибораҳои феълӣ бо вуҷуди мавриди баҳси васеи илмӣ қарор гирифтанашон дар ин диссертатсия бо диди нав дар заминаи дастовардҳои тозаи илмӣ ва дар асоси маводи сарчашмаҳои хаттии насри барҷастаи асрҳои XV- XV1 баррасӣ шудаанд. Диссертант мулоҳизаҳои чанде аз забоншиносони хориҷиву ватаниро доир ба масъалаҳои мухталифи ибораҳои феълӣ оварда, бо далелҳо ва таҳлилҳои амиқи илмӣ назари худро ба масъалаи баррасишаванда пешниҳод менамояд. Муҳаққиқ барои муқаррар намудани вижагиҳои ибораҳои феълӣ дар таркиби ҷумла, муайян кардани муносибатҳои наҳвии байни ҷузъҳои асосиву тобеъ, тафовути ибораҳои феълӣ аз дигар воҳидҳои забон, махсусан, синтагма, ибораҳои фразеологӣ, нишона ва аломатҳои ибораҳои феълиро хотиррасон намуда, ба андешаҳои баҳсноки чанде аз забоншиносон мутобиқ набудани назари худро иброз менамояд. Инчунин доир ба чанде аз иштибоҳу ғалатҳое, ки дар баъзе таҳқиқоти забоншиносони хориҷиу ватанӣ оид ба ибораҳои феълӣ ҷой доштанд, андешаҳои ҷолиб пешниҳод кардааст. Мисолҳои дар диссертатсия таҳлилкардашуда гувоҳи онанд, ки ибораҳои феълии алоқаи пешояндӣ ва алоқаи пасояндӣ дар забони адабии тоҷик басо сершумору серистифода аст. Чунон ки аз диссертатсия бармеояд, дар сарчашмаҳои

хаттии ин давра дар сохтани гурӯҳи бузурги ибораҳои феълӣ пешояндҳои аслии “аз”, “ба”, “дар”, “андар”, “бар”, “бо”, “барои”(аз барои), “бе”, “то”, “ҷуз” (ба ҷуз, ба ҷуз аз), пешояндҳои номии изофӣ ва номии изофии таркибии “ пеши” (дар пеши, аз пеши, бар пеши), “сари” (ба сари, дар сари, бар сари) иштирок кардаанд, ки аз онҳо пешояндҳои “аз”, “ба”, “дар” ва “бар” сермаҳсулу серистеъмол будаанд.

Чунин таҳлилҳо дар ҳар як фаслҳои рисола дида мешавад ва ин ҳолат аз аҳамияти муҳимми илмӣ доштани кори таҳқиқотӣ дар бобати нишон додани хусусиятҳои грамматикиву маъноии ибораҳои феълӣ, муайян кардани қолабҳои мустаъмали ибораҳои феълӣ ва таҳқиқи паҳлуҳои гуногуни ибораҳои наҳвӣ дар бунёди маводи осори хаттии даврай таҳқиқшаванда дарак медиҳад.

Таҳлили баррасии хусусиятҳои грамматикӣ ва маъноии ибораҳои феълӣ, ки дар заминаи маводи сарчашмаҳои насри барҷастаи асрҳои XV-XV1 мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст, дар омӯхтани ибораҳои феълӣ ва, умуман, дар таҳқиқи яке аз матолиби муҳимми ибораҳои синтаксисӣ дар забоншиносии тоҷик сухани тоза ва маводи муфиде ба шумор меравад.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқот.** Аҳамияти назарии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки ин диссертатсия ба пажӯҳишгарону мутахассисони соҳа ва олимоне, ки соҳаҳои мухталифи ибораҳои наҳвӣ, хел ва воситаҳои гуногуни алоқаро мавриди таҳқиқ қарор додаанд, ҳамчун раҳнамо хизмат мекунад.

Дар диссертатсияи Ғаффоров А. О. бори нахуст дар забоншиносӣ таҳлил ва тасвири гурӯҳҳои луғавию грамматикии ибораҳои феълӣ дар заминаи маводи сарчашмаҳои насри барҷастаи асрҳои XV- XV1, роҳу воситаҳои ташаккули ибораҳои феълӣ ташаккули ибораҳои феълӣ ва дигар омилҳое. ки боиси инкишофу системаи ибораҳои синтаксисӣ гардидаанд, бо далелҳои муътамади илмӣ асоснок гардида, нишон дода мешавад, ки таҳқиқи ҳаматарафаи ибораҳои феълӣ, яке аз масъалаҳои

муҳимми таърихи забон буда, имкон медиҳад, ки вай барои ҳалли чуқури як қатор масъалаҳои дигари грамматикаи забони тоҷикӣ, аз ҷумла масъалаҳои ҳиссаҳои нутқ, калима ва ибора, пешояндҳои таркибии номӣ, феълҳои таркибии номӣ, алоқаи калима дар ҷумла, аъзоҳои ҷумла ва ғайра мусоидат хоҳанд кард. Диссертатсия, мавқеъ, ҳудуд ва дигар хусусиятҳои грамматикӣ ва маъноии ибораҳои феълии забони адабии тоҷикро аз ҷиҳати илмӣ муайян карда, барои таҳқиқи мукаммали минбаъдаи ибораҳои феълии забони тоҷикӣ мусоидат хоҳад кард.

**Аҳамияти амалии таҳқиқот.** Натиҷаҳои диссертатсия ҳангоми таълими фанҳои гуногуни тахассусии забоншиносӣ истифода бурда мешавад. Масъалаҳои пешниҳодшудаи диссертатсия барои таҳия ва тартиб додани барномаҳои таълимӣ ва комплексҳои таълимию методӣ аз фанҳои "Иборашиносӣ", "Синтаксиси ҷумлаҳои сода ва мураккаб", "Маданияти сухан", "Услубшиносӣ" ва "Матншиносӣ" роҷеъ ба ибораҳои феълӣ ба кор бурда мешаванд. Инчунин, натиҷаҳои таҳқиқот дар мураттаб сохтани китобу дастурҳои таълимӣ, бахусус, навиштани таърихи забони адабии тоҷикӣ, ки донишгоҳҳои олии ҷумҳурӣ ба он ниёз доранд, истифода хоҳанд шуд.Таҳқиқоти мазкур дар факултетҳои филологияи мактабҳои олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба сифати маводи курси махсус метавонад истифода шавад.

Диссертатсияи докторӣ дар асоси нақшаи илмӣ-таҳқиқоти кафедраи назария ва амалияи забоншиносии ДДОТ ба номи С. Айнӣ барои солҳои 2013-2019 таҳия гардида, анҷом пазируфтааст.

Таҳқиқоти мазкур натиҷаи ҷустуҷӯ ва пажӯҳиши мунтазами муаллиф дар давоми солҳои тӯлонӣ мебошад. Дар бораи натиҷаҳои таҳқиқоти мазкур муаллифи он дар маҷлису семинарҳои илмии кафедраи "Назария ва амалияи забоншиносӣ"-и ДДОТ ба номи С. Айнӣ (солҳои 2001-20019), конференсияҳои ҷумҳуриявии ДДОТ ба номи С.Айнӣ, конференсияҳои олимони ҷавони ҷумҳурӣ дар шаҳрҳои Душанбе (2001, 2002, 2003), Қӯрғонтеппа (2003), Хуҷанд (2005) ва дигар ҷамъомадҳои илмӣ маърӯза кардааст. Инчунин, натиҷаи диссертатсияи мазкур дар як

монография бо номи “Ибораҳои феълӣ бо пешояндҳои аслӣ дар “Бадоеъ-ул-вақоеъ”-и Зайниддин Маҳмуди Восифӣ (2013) ва 27 мақолаҳои илмӣ дар маҷаллаҳои бонуфуз чоп шудааст, аз ҷумла 21-тоаш дар маҷаллаҳои таъйиднамудаи КОА-и ҶТ ва КОА-и ФР интишор шудаанд.

Ин рисола дар ҷаласаи кафедраи “Назария ва амалияи забоншиносӣ”-и Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ аз 27.09.2019, протоколи №1 муҳокима шуда, барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 –Забони тоҷикӣ ба ҳимоя пешниҳод карда мешавад. Хулоса, дар асоси қарори кафедраи “Назария ва амалияи забоншиносӣ”-и ДДОТ ба номи С. Айнӣ баровarда шудааст.

Дар маҷлис ҳузур доштанд 16 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ “тарафдор” 16 нафар, “муқобил”- нест, “бетараф”-нест.

Суратҷаласаи №1 аз 27.09.2019.

Раисикунанда:

доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи “Назария ва амалияи забоншиносӣ”- и ДДОТ ба номи С. Айнӣ: Маҳмадҷонов О. О.

Котиб: ассистенти кафедраи “Назария ва амалияи забоншиносӣ”-и ДДОТ ба номи С.Айнӣ: Зоитова Моҳира

Имзои Махмадҷонов Олимҷон Обидҷонович ва Зоитова Моҳираро тасдиқ мекунам:

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДДОТ ба номи С.Айнӣ Д. Назаров